# ТАҚРИЗИ

мукарризи расмӣ, номзади илмҳои педагогӣ, дотсент Азимова Н.С. ба диссертатсияи Ахмедова Манижахон Фаррухҷоновна дар мавзӯи "Шартҳои педагогии омодасозии омӯзгорони макотиби олӣ ба татбиқи технологияи инноватсионии муосири таълим", ки ба Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА – 026 назди Муассисаи давлатии таълимии "Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров" барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯи ихтисоси 6D010200 - Педагогика ва методикаи таълими ибтидоӣ пешниҳод шудааст.

Дар марҳалаи муосири рушди низоми таҳсилот дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба миён омадани талаботи нав ба маҳорати касбии мутахассисон, воситаҳои фаъолияти касбӣ, иттилоотикунонӣ ва технологиякунонии таҳсилот ҳамчун равандҳои инноватсионӣ муаммоҳоеро ба миён меорад, ки ҳалли онҳо омодагии заруриро аз муассисаҳои таҳсилоти олӣ тақозо мекунад. Санадҳои муҳими давлатӣ, аз зумраи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи маориф", Стратегияи миллии рушди маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 масъалаҳои самаранок истифода бурдани технологияҳои нави таълим, иттилоотикунонии таълим, дастрасӣ ба шабакаҳои байналмилалии коммуникатсионӣ, таълими фосилавӣ дар асоси истифодаи воситаҳои электронӣ ва телекоммуникатсиониро ҳамчун вазифаҳои афзалиятноки низоми маориф пешбинӣ мекунад. Натиҷаҳои таҳлили таҳқиқотҳои илмӣ оид ба омода намудан ва бозомӯзии омӯзгорони макотиби олӣ дар самти истифодаи технологияҳои инноватсионии муосири таълим аз он гувоҳӣ медиҳанд, ки бисёр ҷанбаҳои психологию педагогии ин муаммои мубрам ба таври кофӣ омӯхта нашудаанд. Аз ҷумла, асосҳои ташкили раванди самараноки омодасозии омӯзгорони донишгоҳҳои педагогӣ ба иҷрои амалҳои касбӣ дар шароити раванди таълимӣ аз ҷиҳати технологӣ ташкилшуда, шартҳои ҳамгироии таҷрибаи фаъолияти касбӣ бо намунаҳои инноватсионии ин фаъолият дар шароити технологӣ ва информатикунонии маориф ба таври кофӣ тахқиқ нашудааст. Аз ин лиҳоз, интихоби мавзӯъ ва

коркарди илмии он аз тарафи Ахмедова М.Ф. дар марҳилаи муосири рушди низоми маориф ва илмҳои педагогӣ хеле саривақтӣ буда, ба таҳқиқоти мубрам ва муҳим маҳсуб будани он далолат медиҳад.

Диссертатсияи Ахмедова М.Ф. аз муқаддима, ду боб, хулосаҳои бобҳо, хулосаи умумӣ ва феҳристи адабиёт иборат аст.

Ҷолиби қайд аст, ки дар **муқаддимаи** диссертатсия аз ҷониби диссертант дараҷа ва сатҳи таҳқиқ шудани мавзӯъ, муҳимияти таҳқиқу баррасии муаммои мавзуи таҳқиқ, ҳадаф, объект, предмет ва вазифаҳои таҳқиқоти илмӣ, фарзияи таҳқиқот, методҳои таҳқиқот, сарчашмаҳо ва давраҳои асосии таҳқиқот, асосҳои методологӣ ва назариявӣ, аҳамияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот, навгонии илмии таҳқиқот, саҳми шахсии муаллиф, нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда, тавсиб ва амалисозии натиҷаҳои таҳқиқот ба таври возеҳ шарҳу тафсив ёфтаанд.

**Боби якуми** диссертация, ки «Асосҳои назариявӣ ва методологии омодасозии омӯзгорони макотиби олӣ ба татбиқи технологияҳои инноватсионии таълим» ном дорад, ба таҳқиқи масъалаҳои методологӣ ва назариявии омодасозии омӯзгорони макотиби олиро ба инноватсионӣ намудани раванди таълим, моҳияту мундариҷаи раванди омодасозии омӯзгорони макотиби олӣ ба татбиқи технологияҳои инноватсионии муосири таълим, хусусиятҳои муҳити муосири раванди омода намудани омӯзгорони донишгоҳҳои педагогӣ ба татбиқи технологияҳои инноватсионии муосири таълим бахшида шудааст. Ҷолиби таваҷҷуҳ аст, ки малиифи рисола дар асоси таҳлили ҷузъҳои мафҳуми технологияи инноватсионии таълим ва шарҳи моҳияти технологияи иттилоотӣ ба равшанӣ андохтани таърифоти он муяссар мешавад ва хулоса менамояд, ки технологияи муосири инноватсионии таълим як усули системавии эҷод ва татбиқи омӯзиши электронӣ дар вариантҳои қабулкунанда (ресептивӣ) ва интерактивии он бо назардошти захираҳои техникӣ ва инсонӣ ва ҳамкории онҳо мебошад, ки ҳадафи он беҳтар кардани шаклҳои таълим аст. Ба чунин таърифоти муаллиф розӣ шудан мумкин аст. Дар фасли дувуми ин боб «Моҳият ва мундариҷаи раванди омодасозии омӯзгорони

макотиби олӣ ба татбиқи технологияҳои инноватсионии муосири таълим» таҳқиқ гардида, бо такя ба таҳқиқоти марбут хусусият ва мавқеи истифодаи дидгоҳҳои дар таҳқиқу тархрезии раванди таълим истифодашаванда, аз ҷумла, системавӣ, синергетӣ, иҷтимоӣ-фарҳангӣ, шахсиятӣ, фаъолиятӣ, акмеологӣ, чандмавзӯӣ (полимавзӯӣ) ва экологӣ, моҳияту таносуби равандҳои омоддасозӣ ва бозомӯзии омӯзгорони мактабҳои олӣ муайян гардида, фаъолияти педагогӣ ҳамчун амали бошууронаи омӯзгорони мактаби олӣ ва донишҷӯ баррасӣ шудааст.

Дар марҳалаи дигари таҳқиқот корҳои ташхисӣ гузаронида шудааст, ки он аз омӯзиши хусусиятҳои таҷрибаи педагогии инфиродӣ – таҷрибаи кори педагогӣ, сатҳи омодагии умумипедагогӣ, таҷрибаи фаъолияти инноватсионӣ дар таълими донишҷӯён, корҳои методӣ, мавҷуд будани малакаи истифодаи воситаҳои муосири технологияи инноватсионӣ ва техникаи компютерӣ иборат буданд. Дар раванди коркарди модели омодагӣ муаллиф ҳамчун асос нишондиҳандаҳоеро, ки омодагӣ ё қобилияти азхудкунии омӯзгорони макотиби олиро тавсиф мекунанд, интихоб карда, ба шакли дастури меъёрӣ ва раҳнамоҳо манзур намудааст.

Дар ҷараёни таҳқиқ муаллиф ангезаҳо, дониш, маҳоратро ба ҷанбаҳои умумипедагогӣ, иттилоотӣ - фарҳангӣ, навоварӣ ва коммуникативӣ ҷудо карда, дар ҳамин асос меъёрҳои самаранокии омодасозии омӯзгорон – умумипедагогӣ, иттилоотӣ - фарҳангӣ, навоварӣ - фарҳангӣ ва инноватсиониро муайян кардааст ва дар доираи ин фасл тавсифи мухтасари хар яке аз ин меъёрҳоро ба таври муфассал тафсив додааст.

Қобили қайд аст, ки аз тарафи муаллифи рисола Ахмедова М.Ф. дар ин боби таҳқиқот оиди ҷамъбаст ва хулоса намудани донишҳои илмӣ-назариявӣ вобаста ба доираи муаммои таҳқиқот кори ҷиддӣ ва самараноки назариявӣ анҷом дода шудааст.

**Дар боби дуввуми** диссертатсия «Технологияи педагогии омода намудани омӯзгорон ба истифодаи технологияҳои инноватсионии муосири

таълим» аз ҷониби муаллифи рисола масъалаҳои шароити ташкилӣ-педагогии омодасозии омӯзгорони макотиби олӣ ба татбиқи технологияҳои инноватсионии муосири таълим баррасӣ гардида, раванди ташкил ва мундариҷаи корҳои озмоишӣ – педагогӣ оид ба омодасозии омӯзгорон ба татбиқи технологияҳои инноватсионии муосири таълим тавсиф ёфта, самаранокии технологияи омодасозии омӯзгорони макотиби олӣ ба татбиқи технологияҳои инноватсионии муосири таълим санҷида шудааст.

Дар фасли ин боб «Ташкил ва мундариҷаи корҳои озмоишӣ – педагогӣ оиди омодасозии омӯзгорони макотиби олӣ ба татбиқи технологияҳои инноватсионии муосири таълим» раванди корҳои озмоишӣ-педагогӣ оид омодагии омӯзгорони мактабҳои олӣ ба татбиқи технологияҳои муосири инноватсионӣ ва санҷиши сатҳи самаранокии онҳо баён гардидаанд. Аз нуқтаи назари муаллиф ҳадафу вазифаҳои озмоиш стратегӣ (ташкили дастаи омӯзгорон ҳамчун субъекти коллективии фаъолият оид ба татбиқи технология), тактикӣ (ислоҳи раванди таълим) ва оперативӣ (ташкил ва татбиқи раванди таълим) буданд, ки аз дурустии ин андеша таҳлили маводҳои таҳқиқотӣ гувоҳӣ медиҳанд.

Қобили қайд аст, ки дар марҳалаи иҷрои вазифаҳои таъҷилӣ ҷиҳати омодагии шӯрои таълимӣ - методӣ, китобхона, кафедраҳои педагогика ва психология, шуъбаи таълимӣ - методӣ, хизмати педагог-технологҳо дар татбиқи раванди омодасозии омӯзгорон корҳои ташкилӣ ба роҳ монда шудаанд ва оиди мазмуну мундариҷаи онҳо маълумот дода шудааст.

Боэътимодӣ ва асоснокии натиҷаҳои таҳқиқот, хулосаҳо ва тавсияҳои дар рисола пешниҳодгардида, бо консепсияи илмии педагогӣ, усулҳои назарӣ ва эмперии таҳқикот, инчунин таҳлили шароит ва натиҷаҳои корҳои озмоишӣ-таҷрибавӣ, тасдиқи нуктаҳои дар фарзияи тахкикот пешниҳодгардида, истифодаи усулҳои таҳқиқоти илмии ба вазифаҳои марҳалаҳои асосии тадқиқот мутобиқ ва таҷрибаи амалии муаллиф таъмин гардидааст.

**Аҳамияти назариявии** кори диссертатсионӣ дар он зоҳир мeёбад, ки

таҳкикоти мазкур дар самти асоснокии назария ва рушди ғояи муаммо, муқаррар намудани моҳияти роҳ ва усулҳои омодасозии омӯзгорон ба татбиқи технологияҳои инноватсионии муосири таълим саҳми муайян мегузорад.

Фарҳанги мутаносиби унвонҷӯ имконият додааст, ки ӯ тибқи шиносномаи ихтисоси дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯи ихтисоси 6D010200 - Педагогика ва методикаи таълими ибтидоӣ дастгоҳи илмии диссертатсияро таҳия намояд, ки он мавқеи дурусти муаллифро нисбати коркарди консепсияи рисола, хусусиятҳои амалигардӣ ва асоснокии натиҷаҳоро инъикос менамояд.

Дар нуктаҳои ба дифоъ пешниҳодшудаи муаллиф ба таври пурмаъно моҳияти консепсияи мазкур дарк карда мешавад. Ба таври умум, консепсия ба қадри кифоя мувофиқ карда шудааст ва эроди ҷиддиро талаб намекунад. Мазмуни асосии он дар бобҳои диссертатсия густурда шуда, мантиқи ифодагардии маводҳои назариявӣ ва тавсифи таҳқиқоти эмпирикиро муайян кардааст. Мантиқи мазкури таҳқиқот ба дарки мавқеи ишғолкардаи илмии муаллиф ва фаҳмидани ғояи асосие, ки ҳамчун пояи базавии коркарди консепсияи педагогии муаллиф гузошта шудааст имконият медиҳад.

Натиҷагириҳои илмии муаллифи рисола Ахмедова М.Ф. аз он гувоҳӣ медиҳанд, ки ӯ барои дар амал татбиқ намудани консепсияи назарии хеш дар раванди татбиқи технологияи омодасозии омӯзгорони макотиби олӣ ба татбиқи технологияҳои инноватсионии муосири таълим пешниҳодҳои мушаххас аз таҷриба ва озмоишҳои анҷомдода дар ихтиёр дорад ва он метавонад дар раванди корҳои таълимиву тарбиявӣ барои баланд бардоштани самаранокии омодасозии омӯзгорони макотиби олӣ ба татбиқи технологияҳои инноватсионии муосир саҳми арзишманд гузорад.

**Саҳми шахсии довталаб дар таҳқиқоти мазкур аз инҳо иборат аст:** иштироки бевоситаи муаллиф дар ҳамаи марҳилаҳои таҳқиқот, дар масъалаҳои таҳлилии кори илмӣ, гирд овардани мавод ва таҳлили амиқи

адабиёти илмӣ, шарҳу тафсир ва муқоисаи назарияҳои олимони соҳа; коркарди мушоҳида ва таҷрибаву озмоиш бо зикри натиҷаҳои ноилшуда; таҳқиқ намудани сохтор ва мундариҷаи корбарӣ бо донишҷӯён; муайян кардани имкониятҳои муассисаҳои таҳсилоти олӣ ҷиҳати омодасозии омӯзгорони мактиби олӣ ба истифодаи технологияҳои инноватсионии муосири таълим; коркард ва тариқи озмоиш санҷидани сатҳи омодасозии омӯзгорон ба истифодаи технологияҳои инноватсионии муосири таълим; амалӣ намудани кори таҷрибавию озмоишӣ, мавриди таҳлил ва арзёбӣ қарор додани натиҷаи корҳои таҳқиқотӣ; интишори мақолаҳои илмӣ доир ба мавзуи таҳқиқот.

**Дараҷаи боэътимодии натиҷаҳои таҳқиқоти** иҷрошуда бо асосҳои назариявии таҳқиқоти бунёдии фалсафӣ, психологӣ ва педагогӣ, истифодаи маҷмӯи ба ҳам алоқаманди методҳои назариявӣ ва амалии ба мавзуъ ва вазифаҳои таҳқиқот асосёфта ифода ёфтааст, бо методологияи илмӣ, низоми методҳо, ки ҳамдигарро пурра мекунанд, бо мувофиқатии интихоб ба тавсифҳо, санҷидани методикаҳои озмоишӣ дар амалияи кори мактиби олӣ, коркарди математикии маълумоти эмпирикӣ таъмин гардидааст. Боваринок ва асоснокии натиҷаҳо бо асоси назариявии исботкунанда таъмин ва бо таҳқиқотҳои мантиқӣ асоснок карда шудаанд, ки дар онҳо корҳои бурдашаванда аз лиҳози экспертӣ баҳогузорӣ шудаанд.

**Эрод ва пешниҳод нисбати камбудиҳои мавҷудбуда.**

Бо баробари вуҷуд доштани натиҷаҳои арзишманд ва дастовардҳои илмии назаррас, ки маҳсули фаъолияти пурсамари муаллифи рисолаи мазкур аст, дар рисола баъзе камбудиҳо ва норасоиҳо ба мушоҳида мерасад, ки ба эътибор гирифтани он ба андешаи мо, барои боз ҳам баланд бардоштани сифати рисола кӯмак мерасонад:

1. Дар рисола мувофиқи мақсад мешуд, ки шакл ва усулҳои робита ва ҳамкории муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ бо муассисаҳои таҳсилоти олӣ оиди омодасозии омӯзгорони мактиби олӣ ба татбиқи

технологияҳои инноватсионии муосир ба таври мушахасс таҳқиқ мегардид.

2. Дар рисола хуб мебуд, ки оид ба накш ва саҳми курсҳои такмили ихтисоси муаллимон ҷиҳати омодасозии омӯзгорони макотиби олӣ ба татбиқи технологияҳои инноватсионии муосир маълумот дода мешуд ва оиди истифодаи онҳо пешниҳод ва тавсияҳои илмӣ дода мешуд.

3. Дар рисола хатогиҳои услубӣ, техникӣ дида мешавад, ки ислоҳи онҳо барои боз ҳам беҳтар намудани сифати он мусоидат менамояд.

Нуктаҳои баёншуда танҳо пешниҳод буда, ҳаргиз арзиши назариявӣ ва амалии рисолаи мавриди назарро коҳиш намедиҳад.

Дар умум, муаллифи рисола Ахмедова М.Ф. ҳадафҳои гузошташудаи таҳқиқотро пурра ҳал намудааст, хулосаҳо тибқи вазифаҳои пешгузоштаи таҳқиқот асоснок карда шудаанд, мундариҷаи рисола мутобиқи назари мантиқӣ шакл гирифтаанд ва муаллиф соҳиби кобилияти хуби илмофарӣ мебошад.

Мазмуну муҳтавои автореферат бо фишурдаҳои он, ки бо ду забон: тоҷикӣ ва русӣ дар автореферат интишор гардидаанд, мувофикати комил бо мундариҷаи рисола дошта, моҳияти корро якҷоя бо интишороти муаллиф, ки дар маҷмӯъ фарогири 20 адад мебошанд, пурра инъикос мекунанд. Дар умум 5 адади он дар маҷаллаҳо ва нашрияҳое, ки аз тарафи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон эътироф карда шудаанд, ба чоп расидаанд.

Дар асоси гуфтаҳои болоӣ хулоса кардан мумкин аст, ки диссертатсияи Ахмедова Манижахон Фаррухҷоновна дар мавзӯи "Шартҳои педагогии омодасозии омӯзгорони макотиби олӣ ба татбики технологияи инноватсионии муосири таълим" таҳқикоти илмӣ-тахассусии анҷомёфта ҳисобида шуда, аз рӯи ҳаҷм, арзиши назариявӣ ва амалӣ ба талаботи Низомномаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон "Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ", ки бо карори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021 №267

тасдиқ шудааст, пурра мувофиқат мекунад ва муаллифи он Ахмедова Манижахон Фаррухҷоновна ба дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯи ихтисоси 6D010200 - Педагогика ва методикаи таълими ибтидоӣ арзанда мебошад.

**Муқарризи расмӣ:**
номзади илмҳои педагогӣ, дотсенти
кафедраи фанҳои риёзӣ ва
табиатшиносии муосири
Донишгоҳи давлатии хуқуқ,
бизнес ва сиёсати Тоҷикистон **Азимова Н.С.**
30.05.2023с.

*Имзои Азимова Н.С.-ро тасдиқ менамоям:*
*Сардори РК ва КМ – и Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ,*
*бизнес ва сиёсати Тоҷикистон Мирпоччоев И.Ҳ.*

**Маълумот барои тамос:** Суроға: 735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Хуҷанд, маҳаллаи 17, хонаи 1, тел.: +992(3422) - 23811, моб.: +992(92)7077107
Почтаи электронӣ: nazira-tgu@mail.ru.
Вэб сомона: www.tsulbp.tj